# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Сафарзода Зайнудин дар мавзуи “Сифатҳои гӯштии чорвои популятсияи маҳаллӣ дар асоси дурагакунӣ бо зоти сарсафеди қазоқӣ дар шароити минтақаи Кӯлоб” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 06.02.07 – Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ пешниҳод шудааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ**. Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари кӯҳӣ мебошад. Қариб 93% қаламрави ҷумҳуриро минтақаҳои кӯҳӣ ва наздикӯҳӣ фаро гирифтааст. Табиист, ки амалӣ истифодаи оқилона бурдани чунин минтақаҳо, ба монанди минтақаҳои кӯҳӣ ва наздикӯҳӣ, танҳо тавассути парвариши чорвои калон ва хурд ба роҳ монда мешавад.

Олимон дар соҳаи чорводорӣ, самтҳои гӯштӣ ва ширӣ дурагакунии байни зотҳоро амалӣ намуда, сифатҳои хоҷагидорию биологӣ ва сифатҳои маҳсулнокии ҷавонаҳои дурагаи омехтаи чорвои гӯштиро омӯхтанд. Ба даст овардани шумораи зиёди чорвои дурага ва ҳамзамон афзоиши саршумори чорвои сермаҳсули чорвои гӯштӣ, ки ба шароити кӯҳӣ хуб мутобиқ карда шудаанд, ба афзоиши истеҳсоли гӯшти гов дар кишвар мусоидат намуд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба корҳои илмӣ–тадқиқоти селексионӣ оид ба баровардани типу зотҳои нави чорвои кишоварзӣ ва таҳкими фонди миллии генетики чорводории кишвар диққати махсус медиҳад.

Дар таркиби подаҳои хоҷагиҳои чорводорӣ дар самти парвариши чорводории гӯштӣ чорвои популятсияи маҳаллӣ, ки бо сифатҳои пасти маҳсулнокӣ хос мебошанд, мавқеи хоси худро ишғол менамоянд.

Бояд қайд намуд, ки асоснокии илмии мақсаднокии парвариш ва дурагакунии ин ё он зот ва типи чорвои гӯштӣ ба таври кофӣ вуҷуд надошта, масъалаҳои селексияи онҳо ба таври кофӣ ҳал нашудаанд ва истифодаи чорвои сарсафеди қазоқӣ ва дурага намудани он бо чорвои беҳтаршудаи маҳаллӣ дар асоси селексия дурагаҳои нави чорвои гӯштӣ ба роҳ монда мешавад.

Дар навбати дигар доир ба ҳалли чунин мушкилотҳо олимону мутахассисонро водор месозад, ки барои баланд бардоштани сифати истеҳсоли гӯшт ва кам намудани арзиши аслии воҳиди маҳсулот типу намудҳои нави маҳалӣ баровардa шавад.

Дар байни зотҳои гӯштии мутамарказонидашуда барои баланд бардоштани маҳсулнокӣ ва сифати чорвои маҳалӣ дурагакунии байни зотҳои гӯштӣ ва чорвоҳои маҳалӣ тахқиқотҳо гузаронида шуданд.

Ҳамин тариқ гузаронидани таҳқиқотҳои илмӣ ҷиҳати хусусиятҳои биологию хоҷагидорӣ ва зотнокии зотҳои чорвои гӯштӣ, аз ҷумла зоти сарсафеди қазоқӣ ва чорвои популятсияи маҳалӣ, байни ҳам дурагакунии онҳо ва гирифтани насли дилхоҳи барои истеҳсоли гӯшти босифат ва ба такрористеҳсолкунии зоту типҳо дар оянда аҳамияти илмию хоҷагидориро дар бар мегирад.

**Маълумоти мухтасар оид ба фаъолияти меҳнатии довталаб.**

Сафарзода Зайнудин соли 1975 бо ихтисоси зооинженер дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур (собиқ Институти хоҷагии қишлоки Тоҷикистон) дохил шуда, онро соли 1980 хатм намуд. Пас аз хатми донишгоҳи номбурда дар вазифаҳои гуногун аз зоотехники Иттиҳодияи зотпарварии ноҳияи Восеъ, Сармутахассиси шӯъбаи комплекси агросаноатии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовин ва муовини якуми Директори Агентии таъминоти амволи махсуси назди Вазорати иқтисод ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, ходими калони шуъбаи Селексия ва технологияи чорвои гӯштӣ, аспарварӣ ва қутоспарварӣ ва унвонҷӯи шуъбаи мазкур кор ва фаъолият намудааст. Дар ин давом се маротиба вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум, панҷум ва шашум аз Ҳизби аграрии Тоҷикистон фаъолият намуда дар қабули қарору барномаҳои давлатии самти чорводорӣ саҳми босазо гузоштааст. Ҳамзамон ҳаммуаллифи типи чорвои калони сергушти тоҷикӣ (Шаҳодатномаи муаллифии дастоварди селексионӣ типи чорвои калони сергӯшти тоҷикӣ №Tj07 муаллифон: Иргашев Т.А., Амиршоев Ф.С., Қарақулов А.Б., Сафарзода З. ва дигарон, аз 11 декабри соли 2023) мебошад.

Диссертатсия аз муқаддима, 4 боб иборат буда боби якум шарҳи адабиётҳо аз 6 зербоб, боби дуюм маводҳо ва методикаи таҳқиқот аз 2 зербоб, боби сеюм натиҷаҳои тахқиқотҳои илмӣ аз 9 зербоб ва боби чорум аз натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия ва хулоса иборат буда, рӯйхати адабиётҳо аз 158 номгӯй иборат мебошад. Дар муқаддима мубрамии мавзӯи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Дар боби якум «Шарҳи адабиётҳо», доир ба таърихи инкишофи чорвои гӯштӣ дар Ҷаҳон; парвариши чорвои гӯштӣ ва пешрафти он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; таъсири омилҳои гуногун, ба гирифтани зоту типҳои нав ва истеҳсоли гӯшти чорвои калони шохдор дар самтҳои гуногун; таъсири омилҳои технологӣ ба хусусиятҳои хоҷагидорию биологии зоту типҳои чорвои гӯштӣ; омилҳое, ки ба сифати пусти буққаҳо ва ашёи хоми пуст таъсир мерасонад ва таъсири омилҳои физиологию гематологӣ дар хуни чорвоҳои таҳқиқшавандамаълумотҳои олимон оварда шудаанд.

Дар боби дуюм «Маводҳо ва методикаи таҳқиқот», доир ба Шароитҳои табиию иқлимии минтақаҳои кӯҳию наздикӯҳӣ ва хоҷагидории минтақаи таҷриба; усулҳо ва макони таҳкиқотҳои илмӣ; Шароит, маводҳо ва методикаи тадқикот маълумотҳо дода шудааст.

Дар боби сеюм «Натиҷаи таҳқиқотҳо» доир ба Парвариш ва нигоҳубини чорвои парваришёбанда дар хоҷагӣ; Пурбаҳо хуронидани буққачаҳои таҷрибавӣ дар хоҷагӣ; Вазнафзуншавии шабонарӯзӣ ва афзоиши мутлақи буққачаҳои тачрибавӣ дар давраи парвариш; Ченакҳои асосии бӯққачаҳои гурӯҳҳои таҷрибавӣ; Баҳодиҳии селексионии буққаҳои самти гӯштӣ аз рӯи вазнафзуншавии шабонарӯзӣ ва маҳсулнокӣ; Баҳодиҳии муқоисавии нишондодҳои забҳи буққаҳои дурага ва маҳалии беҳтаркардашуда ва сифати гушти бадани онҳо; Таркиби морфологии гӯшти захбшудаи буққачаҳои таҷрибавӣ; Нишондодҳои клиникӣ, таркиби морфологию биохимиявии хуни буққачаҳои дурага (зоти сарсафеди қазоқӣ X популятсияи маҳаллӣ) ва буққачаҳои маҳалии беҳтаркардашуда; Нишондодҳои клиникии организми буққачаҳо; Тағйирёбии нишондиҳандаҳои гематологӣ ва биохимиявӣ дар организми буққачаҳои таҷрибавӣ; Таркиби хусусиятҳои пӯст, мӯй ва ҳаҷми он дар буққачаҳои таҷрибавӣ; Хусусиятҳои пӯсти буққачаҳои таҷрибавӣ; Таркиб, дарозӣ ва зичии мӯй дар пӯсти буққачаҳои таҷрибавӣ ва Самаранокии иқтисодии парвариши буққаҳои дурага ва маҳалии беҳтаркардашуда, корҳои илмӣ гузаронида шудааст.

Дар боби чорум «натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия» натиҷаҳои бадастовардаи корҳои илмӣ таҳлил карда шуд.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда бо далелҳои муътамади назариявӣ – методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии

нашргардида ва баромадҳои муалиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Сафарзода Зайнудин дар мавзӯи “Сифатҳои гӯштии чорвои популятсияи маҳаллӣ дар асоси дурагакунӣ бо зоти сарсафеди қазоқӣ дар шароити минтақаи Кӯлоб” ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 06.02.07 – Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ, доктори илмҳои биологӣ,
дотсент Амиршоев Файзулло Сафарович ________________
Ноиби президенти АИКТ
22 октябри соли 2025

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ,
кӯчаи Фирдавсӣ - 70, ҳуҷраи 10.
Телефон (+992) 988 46 45 64
E-mail: afaizullo64@mail.ru

Имзои Амиршоев Ф.С.-ро
Тасдиқ мекунам:
сармутахассис оид ба кадрҳои АИКТ,
Ғаниева Гулбону ________________

ШУЪБАИ КАДРҲОИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ КИШОВАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН / ТАДЖИКСКАЯ АКАДЕМИЯ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ НАУК ОТДЕЛ КАДРОВ

734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21а
Телефон(+992 372) 21 70 04; 21 37 57,
E-mail: aikt91@mail.ru
22 октябри соли 2025